**Такриз**

**ба автореферати рисолаи номзадии Бобораҷабова Гулноза дар мавзӯи “Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология**

Адабиёт ҳамеша инъикоскунандаи воқеият дар шакли бадеӣ ва ба туфайли ин тарғибгари фраҳанги воло ва арзишҳои баланди инсонӣ боқӣ мемонад. Дар ин раванд нақши шахс ҳамчун симои гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ хеле муҳим аст. Бинобар ин мавзӯи таҳқиқ муҳимияти худро ҳамеша нигоҳ медорад ва аз ин нуқтаи назар мавзӯъ хеле актуалӣ аст. Муҳаққиқ барои ба даст овардани мақсадҳои гузоштааш рисоларо ба муқаддима, се боб, хулоса, китобнома ҷудо кардааст. Дар муқаддима муҳимияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсадҳои муҳаққиқ, вазифаҳо ва усулҳои ба даст овардани натиҷаҳо асоснок карда шудаанд.

Боби якуми рисола “Мушкилоти чеҳранигорӣ дар осори С. Айнӣ” ном дорад. Дар он таҳти ду фасл ду масъалаи муҳим – марҳалаҳои ташаккули маҳорати чеҳранигории устод Айнӣ ва таносуби ҳақиқати воқеӣ ва бадеӣ дар офариниши чеҳраҳо баррасӣ карда мешаванд. Дар ин боб муҳаққиқ тавонистааст, ки нигоҳи воқеъбинонаи нависанда ва зина ба зина ташаккул ёфтани ҳунари нигорандагии ӯро аз як асар то дигараш нишон диҳад.

Боби дуюми кор “Бозтоби шахсияти таърихӣ ва симоҳои равшанфикрон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ” ном дорад. Он аз ду фасл иборат буда, ба таҳлили ҳунари нависанда дар чеҳраофарӣ дар “Ёддоштҳо” бахшида шудааст. Дар ин боб таҳлили симои равшанфикрон хеле ҷолиб аст. Андешаҳои муҳаққиқ бо далелҳои муътамад асоснок карда мешаванд.

Боби сеюми рисола “Таҳқиқи осори адабӣ, шинохти шахсият ва бозтоби симои Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ” ном дорад. Дар фасли аввали ин боб таҳқиқи осори бадеии Аҳмади Дониш аз ҷониби устод Айнӣ баррасӣ гардида, назари Садриддин Айнӣ ба мероси адабӣ ва шахсияти Аҳмади Дониш ба таҳқиқи гирифта мешавад. Дар фасли дигари ҳамин боб чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш аз нигоҳи С. Айнӣ таҳлил карда мешавад. Муҳаққиқ дар таҳлили мавзӯъҳои баррасишаванда дар такя ба “Ёддоштҳои С. Айнӣ” ва ишораҳо ба

таҳқиқоти ӯ, инчунин муқоисаи назари муҳаққиқони дигар андешаҳои худро асоснок месозад.

Дар хулосаи рисола дастовардҳои таҳқиқ ҷамъбаст ва асоснок карда шудаанд.

Дар автореферат баъзе норасоиҳо дар сабки нигориш ва хатоҳои техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки дар оянда бартараф намудани онҳо ба манфиати кор хоҳанд буд:

1.Номи фаслҳои 1 ва 2 дар боби сеюми рисола то андозае ба такрори ҳамдигар монананд- “шахсияти Аҳмади Дониш” ва “чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш”;

2.Дар автореферат баъзе хатоҳои техникӣ ба назар мерасанд. Дар номи фасли якуми боби дуюм калимаи “симо” “снмо” чоп шудааст.

Албатта, ин норасоиҳо ҷузъӣ буда, автореферат натиҷаи як таҳқиқоти анҷомёфта ба шумор меравад ва муҳаққиқ сазовори дарёфти дараҷаи номзади илми филология аст.

**Муқарриз, дотсенти кафедраи**
**матбуоти ДМТ, номзади илми филология** **Мухторӣ Қ.**

**Суроға:**
**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10**
**тел: +992-933-66-20-08**
**E-mail: mkutb@mail.ru**

**“Тасдиқ мекунам”**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**